**Қарори № 33.3**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

26. 06. 2025

ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

Аз ҳайъати тасдиқшудаи шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар дар маҷлис иштирок намуданд 9 нафар, аз ҷумла доктораони илм-8 нафар, 1 нафар номзади илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар доктороні илм ва 1 нафар номзади илм

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи Арабова Райҳона Ғайратҷоновна дар мавзуи "Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар низоми тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Ризозода Тӯра Раббим раисикунандаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас раиси шуро довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷои кори муқарризони расмиро эълон кард.

Назаров Х.С., котиби илмӣ ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмӣ Арабова Райҳона Ғайратҷоновна шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас ба унвонҷӯ Арабова Райҳона Ғайратҷоновна барои маъруза аз рӯйи мавзуи "Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар низоми тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" то 20 дақиқа вақт дода шуд.

Пас аз ба итмом расидани маъруза аъзои шуро - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Арабова Райҳона Ғайратҷоновна ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан сухан ба роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов Абдулатиф Маҷидович дода шуд. Роҳбари илмӣ дар тақризи худ ба диссертатсия баҳои баланди илмӣ дода, фаъолияти илмӣ ва илмӣ-омӯзгории Арабова Райҳона Ғайратҷоновнаро тавсиф кард ва асоснок намуд, ки барои чӣ ба довталаб дараҷаи илмии дарёфтшаванда дода мешавад.

Назаров Х.С., котиби илмии шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддамотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”- и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамчунин ӯ ҳозиринро бо тақризҳо оид ба автореферат, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин ворид шуданд, шинос намуд:

1. Обидов Фозил Саидович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
2. Авезов Азизулло Ҳабибович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандиси ва менеҷменти Донишкадаи политехникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ дар ш.Хуҷанд;
3. Ғоибназаров Шуҳрат Умарқулович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Коллеҷи муҳандисию омӯзгории н.Ҷ.Расулов;
4. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
5. Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон .

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Назаров Х.С. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудаанд, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Арабова Райҳона Ғайратҷоновна барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Назаров Х.С. шарҳи тақризи доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирсаидов Саидакмал Авроровичро оид ба диссертатсия бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудаанд, ироа намуд. Муқарризи расмӣ Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МД "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров"сухан кард. Муқарриз эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён кард.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Арабова Райҳона Ғайратҷоновна барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Сипас сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Даврон Дадоҷон ва муқарризи ғайрирасмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов Алиҷон Азизович дода шуд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Арабова Райҳона Ғайратҷоновна имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Арабова Р.Ғ. овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайъати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.

Коммисия Газибеков С.А.-ро раис интихоб кард, мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

Ҳайъати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок намуданд: 9 нафар, аз ҷумла доктори илм 8 нафар ва 1 нафар номзади илм. Бюллетенҳои додашуда – 9 адад. Бюллетенҳои тақсимнашуда – нест. Бюллетенҳо дар қуттӣ 9 – адад.

Натиҷаи овоздиҳӣ доир ба масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Арабова Райҳона Ғайратҷоновна: тарафдор – 9 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беэтибор – нест.

Баъди бо овоздиҳии пинҳонӣ тасдиқ намудани протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб оид ба натиҷаи овоздиҳӣ доир ба масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Арабова Р.Ғ., лоиҳаи хулосаи шуро, ки пеш аз оғози маҷлис барои шиносоӣ ба ҳар як аъзои шуро пешниҳод шуда буд, аз рӯйи ҳимояи диссертатсия муҳокима карда шуд. Матни хулоса бо овоздиҳии ошкоро бо як овоз қабул карда шуд.

Ҳамин тариқ, шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баъди шунидан ва баррасии диссертатсияи Арабова Райҳона Ғайратҷоновна дар мавзуи: "Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар низоми тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ; тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов Абдулатиф Маҷидович, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"- и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақризи муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирсаидов Саидакмал Аврорович, ҳамчунин мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Даврон Дадоҷон ва муқарризи ғайрирасмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов Алиҷон Азизович, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ ба диссертатсия дар бораи этимоднокӣ, навгонӣ аҳаммияти онҳо барои назария ва амалия, натиҷаҳои ба дастоварда, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшудаи Арабова Райҳона Ғайратҷоновна

**қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Арабова Райҳона Ғайратҷоновна дар мавзуи "Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар низоми тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295 комилан мувофиқат мекунад.

2. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Арабова Райҳона Ғайратҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос дода шавад.

4. Ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Арабова Райҳона Ғайратҷоновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос дархост карда шавад.

Қарори шурои диссертатсионӣ бо як овоз қабул шуд.

Бо ҳамин кори маҷлиси шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон шуд.

Раисикунанда,
муовини раиси шурои
диссертатсионии 6D.КОА-013,
д.и.и., профессор — Ризозода Т.Р.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент — Назаров Х.С .